## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи номзадии Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 аз 05.09.2025, суратмаҷлиси №1 дар ҳайати 3 нафар тасдиқ шудааст:

1. **Абдуллоев Маҳмуд Холович** – узви шуро, доктори илмҳои таърих, профессор аз рӯйи ихтисоси (07.00.02 – Таърихи ватанӣ);

2. **Абдулзода Зиёдулло Назар** – узви шуро, номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси (07.00.09 – Таърихнигорӣ);

3.**Асоев Сабзаалӣ Убайдович** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси (07.00.02 - Таърихи ватанӣ).

Комиссияи экспертӣ таҳқиқоти диссертатсионии Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммадро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, онро кори баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ меҳисобад. Таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷом дода шудааст.

Диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад ба омӯзиши масъалаи таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён бахшида шуда, аҳаммияти муҳимми илмӣ дорад.

Бояд зикр намуд, ки таърихи давлатдории аҷдоди халқи тоҷик, аз ҷумла таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён, пайваста диққати муаррихони хориҷӣ ва дохилиро ба худ ҷалб менамуд. Роҷеъ ба ин давраи таърихӣ пажӯҳандагони зиёде чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар таҳқиқоти мӯшикофонае анҷом дода, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онро муайян намудаанд. Дар ҳамин раванд сарчашмаҳои зиёди хаттӣ ва рисолаҳо бозгардон ва дифоъ карда шудаанд. Аммо омӯзиши интиқодии бисёре аз сарчашмаҳои таърихии ин давра, хусусан таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён, мавриди омӯзиши густарда қарор нагирифтааст. Бояд ёдовар шуд, ки аз аҳди шуравӣ то имрӯз дар робита ба ин давраи таърихӣ асарҳои зиёде мунташир шудаанд.

Доираи омӯзиши таҳқиқоти мазкур ба таърихи ташаккул, рушд, низоми идоракунӣ, ҷуғрофиё, марҳилаҳои таърихӣ ва солҳои ҳукмронии империяи Ҳахоманишиён тааллуқ дорад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқ аст.

Диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқ аст.

Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи интишорнамудаи муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4 ададаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 адад дар дигар нашрияҳо ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ба чоп расидаанд.

Микдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

Аз теъдоди таълифоти довталаб бармеояд, ки **талаботи банди** 35 -и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори ҳукумати ҶТ аз 30.06.2021, №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) нисбат ба нашри натиҷаҳои диссертатсия риоя гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти муаллиф пуррасозии ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён дар таърихи халқи тоҷик аз мавзуъҳои мубрам буда, барои ба гардиши илмӣ ворид шудани далелҳо ва маълумоти нави диссертатсия, ки шароити бештари инъикоси ҳодисаҳои таърихиро дар бар мегирад, мусоидат менамояд.

**Эътимоднокии** таҳқиқро дурустии маълумот, пуррагии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ ва интиқодӣ-илмӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои унвонҷӯ асоснок буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он ҷавобгӯ аст. Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Мавзуи интихобкардаи унвонҷӯ пажӯҳиши наве дар омӯзиши таърихи ватанӣ, бахусус вижагиҳои низоми давлатдории Ҳахоманишиён буда, дар ин самт то ҳол таҳқиқоти мукаммале рӯйи кор наомдааст.

**Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммад дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) кори таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба ҳимоя қабул кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 диссертатсияи Муҳаммадзода Бобоҷон Муҳаммадро дар мавзуи «Таърихи ташаккул ва рушди низоми давлатдории империяи Ҳахоманишиён» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) таҳлил ва муҳокима намуда, дар асоси бандҳои 57-60-и Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267)

**ҚАРОР МЕНАМОЯД:**

**1.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия фарогири бандҳои дахлдори шиносномаи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад. Диссертатсия ба самти шурои диссертатсионии 6D.KOA-082 мувофиқ буда, дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-082 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгохи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба ҳимоя тавсия дода шавад.

**2**. Дар диссертатсия нуктаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ки дар соҳаи таърихи ватанӣ навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд. Натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф, паҳлуҳои илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавии кор мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд. Таҳқиқот ба рушду такомул додани таълими фанҳои таърих ва таърихи халқи тоҷик, ки дар ҷумҳури мо мубрамияти он баръало эҳсос мегардад, мусоидат менамояд.

**3**. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур муҳаққиқони зерини соҳа таъин карда шаванд:

**Юсуфшо Яъқубов** – доктори илмҳои таърих, профессор, Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Арбоби шоистаи илм ва техникаи Тоҷикистон, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ) ва **Ҳусайнӣ Саидҷалол Саймаҳмуд** – номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Энсиклопедияи миллии тоҷик (аз рӯйи ихтисоси (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).

**4**. Пешниҳод мегардад, ки ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» тавсия дода шавад.

**5**. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру паҳнкунии автореферат, гузоштани эълон оид ба ҳимоя, гузоштани матни диссертатсия ва

авторефератии он дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессор **Абдуллоев М.Х.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои таърих **Абдулзода З.Н.**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои таърих, дотсент **Асоев С.У.**

***Имзоҳои д.и.т. М.Х. Абдуллоев, н.и.т. З.Н. Абдулзода ва н.и.т С.У Асоевро тасдиқ менамоям:***

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»** **Исозода Т.И.**

**«24» 09 соли 2025**